O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY VA O'RTA MAXSUS TA'LIM VAZIRLIGI

SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI

Ro'yxatga olindi :
№ БД – 60230100 – 1.14

2021 -yil "27" 18 Iyul

"TASDIQLAYMAN"
SamDU rektori:
________prof.R.I.Xalmuratov
20___ -yil "_____"__________

Filologiya fakulteti

Tojik filologiya va xorijiy sharq tillari kafedrasi

**SHARQ TILLARI VA ESKI O`ZBEK YOZUVI (FORS TILI)**

**FANIDAN**

**NAMUNAVIY O'QUV DASTURI**

| | | |
|---|---|---|
| **Bilimsohasi:** | **100000** | **Gumanitarsoha** |
| **Ta'limsohasi:** | **120000** | **Gumanitarfanlar** |
| **Ta'limyo'nalishi:** | **5120100** | **filologiya (o'zbektili)** |

<table>
<tr><td colspan="2">Фан/Коди модул<br>TF<br>(бакалавриат/<br>магистратура)</td><td colspan="2">Соли хониши<br>20___-20___</td><td>Семестри III-IV</td><td colspan="2">ECTS-Кредитҳо<br>7</td></tr>
<tr><td colspan="2">Фан/ Намуди фан:<br>Маҷбурӣ</td><td colspan="3">Забони таълим<br>Тоҷикӣ</td><td colspan="2">Соатҳои дарси ҳафтаина<br>4</td></tr>
<tr><td rowspan="2">1</td><td colspan="2">Номи фан</td><td colspan="2">Машғулотҳои аудиторӣ<br>(соат)</td><td>Таълими мустақил<br>(соат)</td><td>Ҷамъи сарборӣ<br>(соат)</td></tr>
<tr><td colspan="2">Забони Шарқ (форс)</td><td colspan="2">90</td><td>120</td><td>210</td></tr>
<tr><td>2</td><td colspan="6">I. Мазмуни фан<br>Мақсад аз омӯзондани фан – ба донишҷӯёномӯзонидани забони форсӣ, дар онҳо ташаккул додани маҳорати хаттӣ ва даҳонии нутқ мебошад. Зероомӯзиши забонҳои арабию форсӣ донишҷӯёнро аз гузаштаи хеш огоҳ намуда, водор менамояд, ки ба таври мустақил (чи гуфторӣ ва чи хаттӣ) бо дониши худ аз ин забонҳои қадима истифода баранд. Дар ин муддат бояд донишҷӯён малакаи ба забонҳои арабию форсӣ навиштан, хондан, сухбат кардан, аз манбаъҳои назарӣ (фонетика, лексика, морфология ва синтаксиси забонҳои арабию форсӣ) истифода бурдан; омилҳои бой кардани таркиби луғавии худ; омӯзиш ва корбурди навъҳои дастхатҳои таърихӣ, навъи хатҳо, асарҳои нодир ва ғайраро ҳосил намоянд.<br><br>Вазифаи фанни мазкур, дар асоси талаботи омӯзиши забони форсӣ, ба донишҷӯён омӯзонидани хониши матнҳои форсӣ, баён карда тавонистани мазмуни ониборат аст.Ёд додани хониши матнҳои илмӣ-техникӣ ва илмӣ-оммабобро бо мақсади пурра ва аниқ фаҳмидани ахбороти дар он муҷассам (мутолааи омӯзишӣ) ва шиносоӣ бо мазмуни он (мутолааи шиносоӣ):<br><br>Доир ба фан ба дониш, таҷриба ва маҳорати донишҷӯ талабҳои зерин гузошта мешавад. Донишҷӯ бояд:<br><br>– дар бораи забони форсӣ, хусусиятҳои морфологӣ ва синтаксисии он ҳамчун забони Шарқ ва усулҳои омӯзиши он тасаввурот ҳосил карда бошанд;<br><br>- такмил додани маҳорати шунидан,навиштан, сӯхбат кардан ва хондан, (дар доираи вазифаҳои хонишӣ);</td></tr>
</table>

-барои истифодаи амалии забонҳои Шарқ ва азхудкунии навъҳои зурурии фаъолият, шаклдиҳии дониш ва маҳоратҳои лозимӣ (азхудкунии маънои матн; ҷудо кардани ғояи асосии матн);

-дар ҷараёни таълими навишторӣ эътибор додан ба шакли дурусти навишт ва корбурди вожаҳо.

## II. Қисмати асосии назарӣ

**Машғулоти назарӣ.** Дар фанни мазкур машғулоти назарӣ ба нақша гирифта нашудааст.

## III.Нишондод ва тавсияҳо оид ба мавзӯъҳои машғулоти амалӣ

Ҳангоми гузаштани фанни "Забонхои Шарқ" (форсӣ)алоқаи он бо фанҳои дигар ба эътибор гирифта мешавад ва пайдарҳамии мавзӯъҳо барои аз худ намудани ин фан ёрӣ мерасонад. Ба ғайр фанни мазкур бо фанҳои дигар: забони тоҷикӣ, педагогика, таърих, математика, ҷуғрофия, биология ва дигар фанҳо алоқаи узвӣ дорад. Бинобарин лозим аст, ки ҳангоми гузаштани ин ё он мавзӯъ робитаи фанҳо бо забонҳои шарқ муайян карда мешавад.

Донишҷӯён дар машғулоти амалӣ бо роҳбарии устодон дониши худро дар амал месанҷанд, яъне малакаву маҳорати худро дар зимни баён ва ҳаллу фасли масъалаҳои забонӣ зина ба зина дар амал татбиқ менамоянд. Самти асосии ҷараёни таълими дарсҳои амалӣ ба он нигаронида шудааст, ки дар рафти машғулот ба донишҷӯён омӯзонидани тарзи таҳлили манбаъҳо, роҳҳои омӯхтани таҳлилу тадқиқи дастхатҳои қадима, асарҳои илмии қадимаи забони форсӣ,чуқур омӯхтанихусусиятҳои умумии забони форсӣ, аз худ намуданиқонунияти инкишофи ин забон. Ба донишҷӯён барои азхудкунии мавзӯъҳои машғулоти амалӣ аз ҷониби устодони кафедра васоити таълимии услубӣ, маводи ҷудогона пешниҳод карда мешавад.

Дар ҳамин замина мавзӯъҳои машғулоти амалӣ барои шаклгирии фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён ва барои инкишофи малакаи корҳои илмиро пеш бурдани онҳо кӯмак мерасонад.

### III.I. Қисми асосӣ (машғулоти амалӣ)

**Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Муқаддимаи фан. Хусусиятҳои ба худ хоси алифбои арабиасосизабони форсӣ.** Мақсад ва вазифаи фанни забонҳои Шарқ (забони форсӣ). Маълумоти умумӣ дар бораи забони форсӣ.Хусусияти асосии алифбои арабиасоси забони форсӣ.Робитаи забонҳои Шарқ (забони форсӣ) бо илмҳои

забони арабӣ, забони адабии ҳозираи тоҷик.Зинахои тараққиёти забони форсӣ. Даврабандихои забони форсӣ:давраи кадим, давраи миёна, даврат нав.Графика. Алифбои арабиасоси забони форсӣ. Маълумоти умумӣ дар бораи забони форсӣ.Ҷиҳатҳои ба худ хоси алифбои арабиасос.Транскрипсия (овознависӣ).

**Мавзӯи 2. Навъҳои хати арабӣ-форсӣ.**

Хати арабӣ-форсӣ ва таърихи пайдоиши он.Навъҳои хати арабӣ-форсӣ. Навъҳоихатиарабй-форсй. Фаҳмонданваовcovarданинамунаҳоинавъҳоихатикӯфӣ, хатикуфиигулдор, хатисулс, хатинасх, хатитаълиқ, хати райхонӣ, хати девонии чаллӣ, хати риқоъ, хати насталлиқ, хати шикаста. Намунахоазсанъати хаттотӣ.

**Мавзӯи 3. Алифбои форсӣ.Ҳарфҳои мунфасила**

Маълумоти умумӣ дар бораи алифбои форсӣ**.**Хусусиятхои ба худ хоси инҳарфҳо. Баду гуруҳ чудо шудани ин ҳарфҳо: ҳарфҳои душакла ва ҳарфҳои чоршакла. Хусусиятхои ҳарфҳои душакла ва ҳарфҳои чоршакла. Ҳафт намуди харфҳои мунфасила (душакла) вов- و ژ ز ر ذ د ا. Харфҳоимуттасила (чоршакла) ва намудхои он. Ҳаракатҳо.Хусусиятҳои ба худ хоси ҳарфҳои муттасила. Дифтонг. Ҳиҷо ва зада.

**Мавзӯи 4. Алифбои форсӣ.Ҳарфҳои муттасила**

Маълумоти умумӣ дар бораи алифбои форсӣ**.**Хусусиятхои ба худ хоси инҳарфҳо. Гуруҳиҳарфҳои чоршакла. Хусусиятхои ҳарфҳои чоршакла. 25 намуди харфҳои муттасила. Ҳарфҳои муттасила (чоршакла) ب ت ث ج چ خ ح س ش ن م ک گ ل ف ق ی ص ض ط ظ ه ع غ ва намудҳои он. Ҳаракатҳо.Хусусиятҳои ба худ хоси ҳарфҳои муттасила.

**Мавзӯи 5. Ифодаи садонокҳо дар забони форсӣ**

Садонокҳои кӯтоҳ (зер, забар ва пеш - ِ، َ، ُ) ва садонокҳои дароз (ا - алиф, و вов ва ی йо). Хусусиятхои грамматики ва графикии ин аломатхо. Ифодаи садонокҳо дар хат. Ҳаракатҳои рӯисатрӣ ва зерисатрӣ дар забонифорсӣ. Аломатхои ташдид, мадда, танвин ва ҳамза. Хусусиятхо ва имлои ин аломатхо.

**Мавзӯи 6.Баъзе хусусиятҳои имлои забони форсй.**

Маълумот дар бораи баъзе хусусиятҳои имлои забони форсӣ. Алиф (آ) ва имлои он. Вови маъдула - و. Тарзи навишти ин хуруф. Алифи мақсура)( ىва имлои

он. Ҳарфи ҳойе ҳавваз - ه.Кадом овозхоро ифода намудани ин харф. Ҳарфи айн –ع.Хусусиятҳои графикӣ ва фонетикии он. ی - Йоҳо ва имлои онҳо (йои ваҳдат, йои накаре).

**Мавзӯи 7. Ҳарфҳои хоси забони арабӣ.**

Маълумот дар бораи хусусиятҳои ҳарфҳои хоси забони арабӣ.Ҳарфҳои ع ث حصضطظ.Хусусиятҳои графикй ва фонетики онҳо. Ҳарфҳои шамсӣ

تثدذرزسشصضطظلنва хусусиятҳои он.

Шаклхои навишти графикии он ҳарфҳо. Навиштани мисолхо бо ин харфҳо. Ҳарфҳои қамарӣ ва хусусиятҳои он,م ابحخجقفعغكیهوшаклхои навишти он ҳарфҳо. Навиштани вожахо бо ин ҳарфҳо ва эътибор ба имлои онхо.

**Мавзӯи 8. Ифодаи рақамҳо дар забони форсӣ**

Ифодаи рақамҳо дар забони форсӣ. Ифодаи моҳ, рӯз ва ҳафта. Соли ҳиҷрий-қамарий ва номи моҳҳои он.Соли шамсӣваномимоххои он. Солхоиҳиҷрий-қамарий ва шамсиро ба мелодӣ баргардонидан ва баръакс. Ҳисоби абҷад. Ифодаи рақамии28 ҳарфҳои алифбои арабӣ. Ҳашт калимаи ҳисоби абҷад.Абҷад - ابجد завваҲ - هوز Ҳуттӣ - حطی , Каламан - کلمن ,

Саъуфас - سعفص , Қарашат - قرشت ,Сахаз - ثخذЗазағ- ضظغ .

Чун моддаи таърих ва муаммо дар адабиёти класссикӣ корбурд шудани ҳисоби абҷад.

**Мавзӯи 9. Ҳиссаҳои нутқ ва хусусиятҳои ба худ хоси онҳо дар забони форсӣ**

Ифодаи исм дар забони форсӣ.Аз дохили матн муайян намудани исмхои шахс ва гайришахс, моддӣ ва маънӣ. Ифодаи исмхои шахс ва гайришахс дар матн. Исмхои кулл ва ҷузъ.Пашванд ва пасвандҳои исмсоз. Калимасозии исм. Категорияи шумора дар исм. Ҷамъбандии исм дар забони форсӣ. Имлои пасвандҳо. Пасвандҳои ҷамъбандии – ҳо -ها ва - он - آن . Имлои пасваниди -ҳо, он ва хусусиятҳои он. Категорияи ҷамъбандии забонҳои арабй. Исмҳои ифодакунандаи ҳаракат ва ҳолат. Машқҳои грамматикй.

**Мавзӯи 10. Сифат ва хусусиятҳои он дар забони форсӣ.**

Маълумот дар бораи сифат ва хоссаҳои он дар забони форсӣ. Ифодаи сифатҳои аслӣ ва нисбӣ дар матн. Мисолҳо оиди сифат дар забони форсӣ.Аз матнхои додашуда муайян намудани калимасозии сифат.Аз матнхо ёфтани пешванд ва пасвандҳои сифатсоз.Маълумот дар бораи пешвандҳо ва пасвандҳо.Интихоби мисолхо оиди дараҷаҳои сифат дар забони форсӣ: дараҷаи оддӣ, дараҷаи кийсӣ ва дараҷаи олӣ.

**Мавзӯи 11. Ҷонишинҳо ва хусусиятҳои он дар забони форсӣ.**

Мафхуми ҷонишин. Ифодаи ҷонишинҳо дар матн. Интихоби матн ва хусусиятхои ба худ хосиҷонишинҳо аз руи маъно.Муайян кардани хелхои ҷонишинҳо: Ҷонишинҳои шахсй. Ҷонишинҳои саволӣ ва ишоратӣ. Ҷонишини خود ва тасрифи он дар шахсу шумораҳо. Маълумот дар бораи бандакҷонишинҳои соҳибӣ.

**Мавзӯи 12. Шумора ва хусусиятҳои он дар забони форсӣ.**

Ифодаи шумора дар забони форсӣ.Интихоби матн оиди шумора ва муайян намудани хусусиятҳои он.Ба ду гуруҳчудо шудани шумора: шумораи микдорӣ ва тартибӣ. Аз матни овардашуда муайян намудани шумораи микдорӣва хусусиятҳои он (асли, тахмини, касрӣ).Шумораҳои тартибӣ ва хусусиятҳои он.Пасванди шумораи тартиби. Сохти шумораҳо дар забони форсӣ: содда, сохта, мураккаб ва таркибӣ.Нумеративҳо ва кисматхои он.

**Мавзӯи 13.Феъл ва хусусиятҳои он дар забони форсӣ.**

Маълумот дар бораи феълхои забони форси. Аз матни овардашуда муайян намудани хусусиятҳои ба худ хоси феълхои тасрифи. Асосхои феъли забони форси. Маълумот дар бораи асосҳои феъл: асоси замони хозира ва асоси замони гузашта. Тасрифи феълхо.Тасрифот бо бандакхои хабари. Замонҳои феъл. Замони гузаштаи феъл.Замони хозираи феъл. Феъли замони ҳозира. Замони ҳозира-оянда. Феъли замони оянда. Сиғаҳои феъл (хабарӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, амрӣ ва эҳтимолӣ).Сохти феълхо.Феълхои содда,сохта ва мураккаб. Пешвандхои феълсоз.Феълҳои таркибӣ (таркибии номӣ ва феълӣ).

**Мавзӯи 14. Пешоянду пасояндҳо ва хусусиятҳои он дар забони форсӣ.**

Ифодаи пешоянду пасояндҳо дар матни овардашуда. Муайян намудани таркиби морфологии пешояндҳо. Пасояндҳои номии изофӣ. Муайян намудани пайвандакҳо аз таркиби матни додашуда. Хели пайвандакҳо: Пайваст(паиҳам, хилофӣ, ҷудоӣ) ва тобеъ.

**Мавзӯи 15.Изофа.Ҷумла. Ҷумлахои содда дар забони форсӣ.**

Маълумоти умуми дар бораи ибора.Изофа дар забони форсӣ. Изофа ва имлои он.Занҷири изофа. Ҷумлаи содда ва намудҳои он дар забони форсӣ. Сохти ҷумла.Шакли ҷамъбандии است Бандаки хабарии است ва дар шахсу шумораҳо тасриф шудани он. Шакли пурраи бандак هست . Ҷумлаҳои бешахс. Ҷумлаҳои саволӣ дар забони форсӣ.

**Мавзӯи 16. Ҷумлаҳои мураккаб.**

Ифодаи ҷумлаҳои мураккаб дар матн. Аз матни додашуда муайян намудани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва намудҳои он. Интихоби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва намудҳои он.

**Мавзӯи 17.Кор бо матн ва дастхатҳо**

Шарҳу эзоҳ ва таҳлили ҳикояҳо аз “Гулистон” ва “Бӯстон”-и Саъдии Шерозӣ. Хондан ва таҳлили матнҳо аз“Баҳористон”-и Абдураҳмони Ҷомӣ ва осори класикии шуарои дигар.Мушоҳидаи калимаҳои вомии арабӣ аз осори мутолиакардаистода.Сӯҳбат намудан дар мавзӯи “Оилаи ман”ва мавзӯъҳои озод.

**Машғулотҳои амалии** таингардида дар хонаи ҷиҳозонидаи махсус бо воситаҳои техникии замонавӣ, компьютер ва асбобҳои шунавоӣ гузаронида мешавад. Ҳамчунин ҳар як машғулот мувофиқи мавзӯи интихобӣ бо машқҳо ва материалҳои мухсус дар асоси методҳои интерфаъол ба донишҷӯ расонида мешавад.

Дар ҷараёни машғулоти амалӣ аз методҳои интерфаъол; аз қабили ҳуҷуми ақлӣ, тафаккури гурӯҳӣ, пинборд, конференсия, мулоқот, мунозара, баҳсҳои гурӯҳӣ, муҳокима тавассути материалҳои иллюстратсионӣ ва демонстратсионӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст.

**IV.Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**

Аз рӯи фанни мазкур мавзӯъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Мавқеи сарчашмаҳои хаттии давраи қадима дар омӯзиши забони форсӣ
2. Алифбои арабиасоси забони форсӣ. Ҷиҳатҳои ба худ хоси алифбои арабиасос.
3. Ҳарфҳои мунфасила (душакла). Хусусиятиграфикӣвафонетикионҳо. Кор бо матн
4. Ҳарфи алиф - ا. Хусусиятҳоиграфикӣвафонетикион. Кор бо матн
5. Ҳарфҳои муттасила (чоршакла). Хусусияти графикӣва фонетики онҳо.
6. Ҳарфи айн- ع. Хусусиятҳоиграфикӣва фонетики он. Кор бо матн

| | | |
|---|---|---|
| | | 7. Ҳарфи ҳойе ҳавваз - ه Хусусиятҳои графикӣва фонетики он. Кор бо матн<br>8. Ҳиҷо дар забони форсӣ. Кор бо матн<br>9. Зада дар забони форсӣ. Кор бо матн<br>10.Садонокҳои кӯтоҳ (зер, забар ва пеш). Ифодаи садонокҳо дар хат.<br>11.Садонокҳои дароз (алиф, вов ва йо) дарзабониформсӣ. Кор бо матн<br>12.Ҳаракатҳои рӯисатрӣ ва зерисатрӣ дар забониформсӣ. (Ташдид, мадда, танвин, ҳамза). (дар асоси матн)<br>13.Ҳарфҳоишамсӣ. Хусусиятҳоиграфикӣвафонетикионҳо. Кор бо матн<br>14.Ҳарфҳоиқамарӣ. Хусусиятҳоиграфикӣвафонетикионҳо. Кор бо матн<br>15.Ҳисоби абҷад. Хусусиятҳои ба худ хоси он. Чун моддаи таърих ва муаммо дар адабиёти класссикӣ корбурд шудани он. Кор бо матн<br>16.Ҷамъбандии исм дар забони форсӣ. (дар асоси матн)<br>17.Дараҷаҳои сифат дар забони форсӣ. (дар асоси матн)<br>18.Ҷонишинҳо. Ҷонишинҳои шахсӣ. (дар асоси матн)<br>19.Шуморахои тартибӣ ва микдорӣ. Нумеративҳо. (дар асоси матн)<br>20.Таркиби морфологии пешояндҳо. (дар асоси матн)<br>21.Пайвандакҳои пайвасти паиҳам, хилофӣ, чудоӣ. (дар асоси матн)<br>22.Пайвандакҳои тобеъкунанда.(дар асоси матн)<br>23.Навъҳои хат дар хати арабиасоси форсӣ. (дар асоси матн)<br>24.Вови маъдула, алифи мақсура. Хусусиятҳои графикӣва фонетики онҳо. (дар асоси матн)<br>25.Матни "Ӯзбекистон"<br>26.Матни "Тошканд"<br>27.Матни "Самарқанд шаҳри бостонӣ"<br>28.Матни "Донишгоҳи ман"<br>29.Матни "Дӯсти ман"<br>30.Матни "Фурӯшгоҳи бузург"<br>31.Матни "Кишвари Эрон"<br>32.Матни "қадри забон"<br>33.Матни "Рузи таътил"<br>34.Матни "Зодруз"<br>35.Матни «Фаслҳоварӯзҳо»<br>36.Ифодаи вақт дар забони форсӣ<br>37.Ифодаи исм дар матн<br>38.Ифодаи сифат дар матн<br>39.Ифодаи чонишин дар матнхо<br>40.Ифодаи чамъбандии исмхо дар матн<br>41.Ифодаи чамъбандии араби дар матн |

| | |
|---|---|
| | 42.Ифодаи дарачахои сифат дар матн<br>43.Ифодаи шуморахо дар матн<br>44.Ифодаи шуморахои тартиби дар матн<br>45.Ифодаи феъл дар матн<br>46.Ифодаи асосхои феъл<br>47.Ифодаи феъли замони гузашта дар матн<br>48.Ифодаи феъли замони хозира дар матн<br>49.Ифодаи феъли замони оянда дар матн<br>50.Ифодаи изофа дар матн<br>51.Ифодаи чумлаи содда дар матн<br>52.Ифодаи чумлаи мураккаб дар матн<br>53.Муҳокимаи асари “Муҳокимат-ул-луғатайн”-и Алишер Навоий дар боби тафовутҳои забони форсӣ ва туркӣ.<br>54.Хондани матн аз “Гулистон”-и Саъдии Шерози<br>55.Хондани матн аз “Бустон”-и Саъдии Шерози<br>56.Хондани матн аз “Гулистон”-и Саъдии Шерози<br>57.Хондани матн аз “Бахористон”-и Абдурахмони Чоми<br>58.Хондани матн аз “Бустон”-и Саъдии Шерози<br>59.Сухбат намудан дар мавзуи “Оилаи ман”<br>60. Паҳншавии забони форсӣ дар Эрон, Осиёи миёна, Афғонистон ва муносибати он ба забонҳои ин ҳудуд.Навиштани матнхо.<br>Баъди ба донишҷӯ супоридани мавзӯъҳои мустақилона дар асоси адабиётҳои тавсияшуда иҷрои он бо воситаи реферат ва гузаронидани тақдимоти тавсия карда шуда ба муаллими фан супорида мешавад. |
| 3 | **III. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>• Омӯхтани алифбои арабиасоси форсӣ ва ба ин васила шинос шудан ба мероси бои илму маданияти кадима, ки дар тӯли бештар аз ҳазор сол бо алифбои арабӣ иншо шудааст,ба давраи қадимтарин мансуб будани забони форсӣ ва омилҳои ташаккул ва таҳаввули он, намунаҳои осори давраи қадим, давраҳои миёна ва нави забони форсӣ, хонда тавонистани дастхатҳо, матнҳои осори классикони бо хати арабиасос навишташуда***тасаввурот ва дониш соҳиб бошад;***<br>• бо ҳарфҳо ва тарзи навишту пайвастшавии онҳо шинос шудан, дар бораи имлои баъзе калимаҳои форсиву арабӣ, аффиксҳо, бандакҳо, шуморақо, ҷонишинҳо, истилоҳҳои арабӣ ва номи моҳҳои кадима, ҳисоби абҷад шинос бошад.Вобаста ба мавзӯъ машкҳо оварда дар асоси ин матнҳо барои мустаҳкамшавии дарсҳо кумак мерасонад ***ба маҳорати аз онҳо истифода*** |

| | |
|---|---|
| | ***намудан соҳиб бошад;*** <br> • доир ба ин аз осори насри ва назмии даврахои гуногун интихобан намунаҳо оварда калимаву ибораҳои душворфаҳм ва камистеъмолро, ки дар матнҳо дучор меоянд, тафсир кардан (албатта, дар тафсири калимаҳо танҳо маънои дар матн доштаи калима оварда мешавад) ба ***малакаи муайян соҳиб бошад.*** |
| 4 | **IV.** Методҳо ва технологияҳои таълим: <br> • Машгулотиамали; <br> • кейс-стадиҳои интерфаъол; <br> • шунидан, навиштан, мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор; <br> • бо гурӯҳҳо кор кардан; <br> • тақдимот намудан; <br> • лоиҳаҳои индивидуалӣ; <br> • лоиҳаҳо барои суҳбат кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **V. Талабҳо ба кредит гирифтан:** <br> Пурра аз худ намудани машғулотҳои амалии фан, дуруст нишон додани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супоришот ва вазифаҳои додашуда ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | **VI. Адабиёти асосӣ ва иловагӣ, манбаъҳои ахбории электронӣ** <br> **Адабиёти асосӣ** <br> **1.** Абдусаматов М. «Форс тили», Тошкент,Ўқитувчи, 2013. <br> **2.**Қуронбеков А.,Воҳидов А., Зияева Т. Форс тили.Т.:-Музиқа, 2009 <br> **3.** АҳроровҲ. Форстили ,Самарқанд, 1992 <br> 4. КосимоваМ. Хат ваимлоиматни классикии тоҷик. Душанбе.Маориф,1989 <br> **Адабиёти иловагӣ** <br> 5. Мирзиёев Ш. М. Буюк келажагимизни мард ва олийжаноб халқимиз билан қурамиз. – Т.: Ўзбекистон, 2017. <br> 6.Мирзиёев Ш. М. Эркин ва фаровон, демократик Ўзбекистон давлатини биргаликда барпо этамиз. Тошкент – “Ўзбекистон” – 2016. <br> 7. Мирзиёев Ш.М. Танқидий таҳлил, қатъий тартиб-интизом ва шахсий жавобгарлик – ҳар бир раҳбар фаолиятининг кундалик қоидаси бўлиши керак. Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамасининг 2016 йил якунлари ва 2017 йил истиқболларига бағишланган мажлисидаги Ўзбекистон Республикаси |

| | |
|---|---|
| | Президентининг нутқи. // Халқ сўзи газетаси. 2017 йил 16 январь, №11.<br>8.Қуронбеков А.,Воҳидов А., Зияева Т. Форс тили.Т.:-Музиқа, 2009<br>9. Қуронбеков А. Маҷидова С. Лексикологияи забони форсӣ. – Самарқанд: 2017, 140 с.<br>10.Рустамов А., Каримов Қ., Умаров З. Форсча-ӯзбекча ӯкув луғати. – Тошкент: Ӯқитувчи, 1975.<br>11.Форсча-ўзбекча ўкув луғати.-Т.: “Ўқитувчи”, 1988.<br>12.Ходийева Н. Форс тилиданмашқлар тўплами. – Т., 2010.<br>13.Овчинникова И.К., Иванов В.Б. Учебник персидского языка. – М., 2002.<br>14.Рубинчик Ю.А. Грамматика современного персидского литературного языка. – М., 2001.<br>15.Ваҳидов А., Шукуров Ф.. Арабча-форсча тематик тасвирий луғат (ӯзбекча, русча ва инглизча таржималари билан). Самарқанд, 2015.<br>**Сайтҳои интернетӣ**<br>16.www.lex.uz– Ўзбекистон Республикаси Қонун ҳужжатлари маълумотлари миллий базаси.<br>17.www.ziyonet.uz<br>18.httr://library.zivonet.uz/book/35164<br>19.httr://library.zivonet.uz/book/35149<br>20.httr://library.zivonet.uz/book/41245<br>21.httr://library.zivonet.uz/book/40578<br>22.httr://library.zivonet.uz/book/34135<br>22.httr://library.zivonet.uz/book/33460<br>23.httr://library.zivonet.uz/book/33430 |
| 7 | Дастури фан___ _________ соли 20___ тахти баённомаи рақами ___ дар шӯрои таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул карда шуд. |

| | |
|---|---|
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:**<br>Нуруллаева З.Х. - муаллимаи кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи ДДС |
| | |

| | |
|---|---|
| 9 | **Муқарризон:**<br>Ҷ.Ҳамроев - доктори фанҳои филологӣ, профессори кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқи хориҷаи ДДС<br>А.Туробов - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДДЗХ Самарқанд |

**Кафедра мудири:** проф. Ҷ.Ҳамроев

**Кенгаш раиси:** проф. А.Пардаев

**"Тасдиқлайман"**
**СамДУ ўқув ишлари бўйича проректори:**
**__________ А.С.Солеев**
**«24» август 2021 йил**

12